# Ҷопон ба ифтихори 30 -солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 10 миллион сомонӣ 10 мактаб месозад
# Аввалин маросими имзорасии лоиҳаҳо ба маблағи 6,000,000 сомонӣ рӯзи 3-юми сентябр баргузор шуд

3-юми сентябри соли 2021 дар Сафорати Ҷопон маросими ба имзорасонии шаш лоиҳаи нав баргузор гардид. Созишномаҳои грантӣ байни Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷ-би **МИЯШИТА Такаюки** ва намояндагони мақомотҳои пазирандаи кӯмакҳо ба имзо расиданд. Маблағи умумии ин лоиҳаҳо дар чаҳорчӯбаи кӯмакҳои бебозгашти Ҳукумати Ҷопон **536,980** доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Шаш лоиҳаи нав дар чаҳорчӯбаи Барномаи Ҳукумати Ҷопон оид ба кӯмакҳои бебозгашт ва амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ (GGP) маблағгузорӣ мешаванд:

- **"Лоиҳаи сохтмони мактаби № 19 дар деҳаи Чормағзак, ҷамоати Қади об, шаҳри Роғун"** ба маблағи **90,347 доллари ИМА** бо **ҷ-би Музаффар СУЛАЙМОНЗОДА**, раиси ш. Роғун ба имзо расид;

- **"Лоиҳаи сохтмони мактаби № 6 дар дехаи Боҳтуробод,** ҷамоати **Гулистон ноҳияи Левакант"** ба маблағи **90,273 доллари ИМА** бо **х-м Зарина ДАВЛАТЗОДА**, раиси ноҳияи Левакант ба имзо расид;

- "**Лоиҳаи сохтмони мактаби № 41 дар дехаи Гулистон,** ҷ**амоати Сабо, ноҳияи Шаҳринав**" ба маблағи **90,622 доллари ИМА** бо **ҷ-би Ҷаббор НОСИРЗОДА**, раиси ноҳияи Шаҳринав ба имзо расид;

- "**Лоиҳаи сохтмони мактаби № 56 дар дехаи Кулчичай,** ҷ**амоати Ағба, ноҳияи Лахш**" ба маблағи **92,579 доллари ИМА** бо **ҷ-би Файзулло БАРОТЗОДА**, раиси ноҳияи Лахш ба имзо расид;

- **"Лоиҳаи сохтмони мактаби нав дар дехаи Бағлисой, ҷамоати Лоҳути, ноҳияи Ховалинг"** ба маблағи **86,718 доллари ИМА** бо **ҷ-би Муҳтади МАҶИДИ,** раиси ноҳияи Ховалинг ба имзо расид;

- **“Лоиҳаи сохтмони мактаби нав дар деҳаи Буғдояк, ҷамоати Лоҳути, ноҳияи Ховалинг”** ба маблағи **86,441 доллари ИМА** бо **ҷ-би Муҳтади МАҶИДИ,** раиси ноҳияи Ховалинг ба имзо расид;

Зимни суханронӣ дар маросим, **ҷ-би МИЯШИТА Такаюки** қайд намуданд, ки “Ба ифтихори 30 -умин солгарди истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо шарафмандем, ки ҳама якҷоя 10 созишномаи грантиро барои сохтмони мактабҳо дар ноҳияҳои дахлдор ба имзо расонем. Имрӯз 6 -тои онҳо ва боқимондаи онҳо 6 -уми сентябр ба имзо мерасанд. Бахши маориф яке аз афзалиятҳои равобити дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ҷопон мебошад. Ман хеле шодам, ки мо метавонем қарордодҳои дахлдорро пеш аз ҷашни Истиқлолият, 9 сентябр ба имзо мерасонем. Барои чен кардани таъсири таълим вақт лозим аст, аммо ман боварӣ дорам, ки ин сармоягузорӣ дар соҳаи маориф ба зудӣ дар рушди миллии Тоҷикистон самараи калон меорад.”

Ҳукумати Ҷопон нияти идомаи додани дастгирӣ барои сохтани ҷомеаи беҳтар барои ҳамаро дорад ва кӯшиш менамояд, ки бо мардуми Тоҷикистон якҷоя кор кунад.

*Кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ “GGP” тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд мебошад. Алалхусус, лоиҳаҳои кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ барои дастгирӣ намудани соҳаҳои мухталифи бахши аъзами аҳолӣ дар сартосари Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудаанд. Кӯмакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ расонида мешавад. Аз соли 1996 то инҷониб, кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ **430** лоиҳаро ба маблағи умумии **$35.1** миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон амалӣ намудааст.*

*Барои маълумоти бештар роҷеъ ба Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд ба саҳифаи сомонаи зайл назар андозед [https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html](https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html)*



